# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Мавзуъ, мухтавои диссертатсия ва автореферати Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи пдагогика, ки аз рӯйи он ба шурои 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Дар ин росто, муаллифи диссертатсия хеле дуруст ва бомаврид таъкид кадааст, ки: «Муассисаи таълимӣ, муҳимтарин ниҳоди иҷтимоӣ, на танҳо таълим ва тарбияи фарзанд, балки идоракунии педагогии оиларо низ талаб мекунад. Бӯҳрони таҳсилоти оилавӣ ба муассисаи таълимӣ на танҳо тағйироти кори педагогиро бо кӯдакон, балки дар мураккабии кор бо падару модарон низ табдил медиҳад. Дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оила дар вазъияти мураккаби педагогӣ ва таълимӣ қарор гирифт. Тамоюли падару модарон барои аз байн бурдани ҳалли масъалаҳои тарбия ва рушду рушди шахсии кӯдак шиддат ёфтааст. Дар бисёр оилаҳо муносибатҳои байнишахсӣ байни падару модарон ва фарзандон суст мешаванд ва дар натиҷа муҳити беруна, на ҳамеша ба таври мусбат нигаронидашуда қудрат меёбад, ки ин ба аз байн рафтани таъсири оила ба кӯдак оварда мерасонад».

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ бо таҳлили адабиёти зиёди психологӣ-педагогӣ дар бораи рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагон мавзуи таҳқиқоташро «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» муайян кардааст, ки муҳим ва талаботи замон аст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи кафедраҳои педагогика ва фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 30.09.2024, №2).

Ҷаласаи васеи кафедраҳои педагогика ва фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла: ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;) ва ба *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; консепсияи рушди таъминоти таълимӣ-методии раванди таълим ва воситаҳои таълим, вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот) мувофиқат мекунад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» дар таълифоти нашршудаи довталаб ба таври мукаммал инъикос ёфтааст.

4. Талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия аз ҷониби довталаб Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ пурра иҷро шудааст.

Қобили зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таткиқотии унвонҷӯй Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ мунтазам дар ҷаласаҳои кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ-методӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки ба мавзуи тақвияти ҳамкории муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва оила, муносибати босалоҳият ба таълиму тарбия бахшида шуда буданд, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо ироа ва баррасӣ шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 17 интишороти муаллиф, ки 10 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

5. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот; маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд; интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд; таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти

натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада; муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия бозгӯ мекунанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи қабул кардани диссертатсияро ба шурои диссертатсинӣ ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи унвонҷӯй Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ тавсия медиҳад, ки диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва ва ба сифати муқарризони расмӣ: Иматзода Лутфия Маҳмадулло - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Акмалова Малоҳат Абдуллоевна - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи табиӣ-риёзии Коллеҷи тиббии шаҳри Гулистони вилояти Суғд пешниҳод карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, инчунин, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадиро дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила

дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Иматзода Лутфия Маҳмадулло - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;
- Акмалова Малоҳат Абдуллоевна - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи табиӣ-риёзии Коллеҷи тиббии шаҳри Гулистони вилояти Суғд.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — Лутфуллозод М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ — Гулмадов Ф.

номзади илмҳои педагогӣ — Котибова Ш.

05.05.2025

ШӮЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ — АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАН

*"Имзои М. Иззатова, Ф. Гулмадов ва Ш. Котибоваро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* — *М. Саидова*